**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.**
______________
«__3__» «__01__» соли 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300- педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст.**

1. **Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқоти ба анҷом расонидаи унвонҷӯ аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” мутобиқ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби додани тақризи муассисаи тақриздиҳднда иҷро шуда, ба унвони Шӯрои илмии 6D.КОА-022 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Яке аз хусусиятҳои рушди маориф, дар шароити муосир, ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба раванди таълим ба ҳисоб меравад, зеро маҳз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим сифат ва сатҳи тайёр намудани мутахассисониояндаро баланд менамояд. Дар робита ба ин, тули солҳои соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба ташаккули раванди таълим дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳои судманде андешида шудааст, вале бо дар назар доштани мунтазам рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ доданро талаб менамояд.

Барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд Стратегия ва барномаҳои давлатиро қабул намуда, баҳри дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҷараёни таълим пайваста чораандешӣ менамояд. Аз ин лиҳоз ҳар як хонанда имконият дорад, ки аз воситаҳои иттилоотиву коммуникативӣ, ки қисми ҷудонопазири раванди таълим гардидаанд, васеъ истифода намояд. Истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба хонандагон имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии худро тақвият диҳанд, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намоянд ва умуман фаъолияти таълимии худро самаранок гардонанд.

Мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун муносибати инноватсионии таҳсил баррасӣ гардида, яке аз системаҳои самараноки тайёр намудани хонандагон баромад менамояд. Дар ин замина имконияти бунёди системаи инноватсионии таълим ба миён меояд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ, баланд намудани сатҳ ва сифати тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат равона карда шудааст. Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои мухталифи хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Интихоби мавзуъ ва ҳадафи таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба зарурати таҳияи равишҳои илмӣ педагоги дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асос меёбад, ки ин масъаларо унвонҷу дар сатҳи зарурӣ ва лозима мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ самтҳои васеи низоми иттилоотӣ,

бахусус истифодаи технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар гирифа, ба як қатор сгратегияву барномаҳои сатҳи миллӣ ва соҳавӣ ҳамбастагии зиёд дорад. Мавзуи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ҷараёни таълим, рушди салоҳиятҳои хонандагон, алоқамандии бевосита дорад.

Муассисаи тақриздиҳанда — Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавзуи кори таҳқикотии муаллифро воқеан мубрам, замонавӣ ва то имруз нокифоя таҳкиқшуда ва интихоби мавзуро аз ҷониби унвонҷу саривактӣ меҳисобад.

Далелҳои дар боло овардашуда муҳимияти мавзуи диссертатсияи илмиро муайян мекунад, дорой аҳамияти илмӣ ва амалӣ баҳогузорӣ менамояд.

*2.* **Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия.** Таҳқиқоти назариявӣ, илмӣ ва амалии аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи ватаниву хориҷӣ ва худи муаллифро нисбат ба натиҷаҳои омузишие, ки дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шудаанд, дар ҷарёни таълим аз ҷумла дар ҷараёни таълим истифодаи технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳоро дар ин самти педагогӣ судманд арзёбӣ менамояд.

Ба қисмати заминаҳои иттилоотии диссертатсия стратегия ва барномаҳои давлатиро аз қабили Барномаи давлатии компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015; Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022; Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2020, маводи воқеӣ дар монографияҳои алоҳидаи олимон нашр шудаанд ва натиҷаю мушоҳидаҳои шахсии таҳқиқгари мавзуи диссертатсияи мазкур

истифода шуданд.

Барой ноил шудан ба хдафи асосӣ ва ҳалли дурусти як қатор вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошташуда, истифода аз тарзу услубҳои гуногуни таҳлили педагогӣ, ба монанди системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, омузиши омилҳо, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, имкониятҳои интернет ва компютерӣ истифода намуда, мавриди иҷро ва саҳмгирии унвонҷӯ - муаллифи кори илмӣ карор гирифтаанд.

*3.* **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илме, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад

*4.* **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаваид.** Тахкикоти диссертатсия дастовардҳои муҳими унвонҷӯро ҳамчун натиҷаи навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад, ҳамаи онро ҳамчун фишурда ва давоми мантиқии матни диссертатсия мукаммал дидан мумкин аст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба салоҳияти коммуникативии хонандагон дар муассисаҳои таҳислоти миёнаи умумӣ зохир мегардад. Натиҷаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгонии илмӣ иборатанд, инҳо мебошанд:

- ба таври маҷмуӣ роҳҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани принсипҳои ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки ба рушди самараноки салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд;

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон собит карда шудааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- муносибатҳои педагогии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ асоснок шуда, бо озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар ин замина хулоса ва тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд, ки рушди салоҳият ва салоҳиятнокии асосоии хонандагонро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

Илова ба навгониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ноилшуда, мавқеи илмии унвонҷуро дар сатҳи таҳқиқот нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад, ки дар он исботи натиҷаҳои амалии кори унвонҷу мебошад ва он баҳои воқеии кори уро дар бар мегирад, ки инҳо мебошанд:

- дар шароити имрӯза салоҳияти касбӣ ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Рақобатпазирӣ, қобилияти касбӣ, салоҳияти касбӣ - сатҳи баланди доштани ин ё он фаъолият, низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, ташаккули ҷаҳонбинии дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, ангезаҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва инкишфи салоҳият ва салоҳиятнокӣ аз хусусиятҳои ҳавасмандӣ ва шахсиятии хонанда; ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имконияти хонанда; мавриди истифода қарор додани корҳои мустақилона, корҳои

лоиҳавӣ, шароити педагогӣ бо таъсири муҳити таълимӣ вобаста аст. Илова бар ин, салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, доираи муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ ва арзишу анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

- дар тарҳи раванди ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ муҳим мебошанд, зеро маҳз онҳо дар муайян намудани мазмуну мундариҷаи таълим, дар интихоби метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд. Имкониятҳои асосии дидактикии технологияҳои компютерӣ ба ҷанбаҳои зерин ворид карда мешаванд: амалисозии муколамаи интерактивӣ, иттилооти визуалии таълимӣ, моделсозии равандҳо ва зуҳуроти воқеӣ ё виртуалӣ, нигоҳдории миқдори зиёди иттилоот дар формати рақамӣ, автоматикунонии ҷараёни фаъолияти ҳисоббарорӣ, автоматикунонии идоракунии фаъолияти таълимӣ. Дар ташаккули салоҳият ва салоҳитянокии хонандагон шартҳои муаяни дидактикӣ, ба монанди ба инобат гирифтани нақши пешбари донишҳои назариявӣ; ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбияви ва инкишофдиҳандаи таҳсилот; ҳавасманднамоӣ ва ангезиши муносибати мусбӣ ба таълим; мушкилот; пайваст намудани корҳои таълимии коллективӣ бо муносибатҳои инфиродӣ дар таълим нақши муҳим доранд;

- яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноки тайёр кардани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир зарур аст, ки дар раванди таълим барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкориии субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд. Он бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қобилияти интегративӣ, ки дар сифатҳои гуманистии шахсият асос ёфта, ба таъмини натиҷанокии фаъолияти коммуникативӣ равона гардидааст ва аз таҷрибаи муошврати

байнишахсӣ, сатҳи омӯзиш, тарбия ва рушд бармеояд, муайян карда мешавад. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода карда мешаванд. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро маҳз он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоиҳият ва салоҳиятнокӣ баромад менамоянд;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати он ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд. Истифодаи технология, шакл ва методҳои нав дар раванди таълим ба ташаккул ва инкишофи мустақилият, худташкилнамоӣ, худомӯзӣ, худинкишофдиҳии хонанда мусоидат намуда, муқаррароти илмию арзишӣ пайдо мешавад. Ин ба мутахассис имконият медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзуъ ва модулҳои фаъолияти касбӣ, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Таҳқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст. Ҳолати мусбӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон метавонанд, миқдори зиёди вазифаҳои иловагии инфиродиро иҷро намоянд, вазифаҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда буда метавонандбошанд. Илова бар ин истифодаи технологияи компютерӣ хонандагонро ба ташаббускорӣ ҳавасманд менамоянд, ки дар доираи таълимоти анъанавӣ ғайриимкон аст.

- мақсади корҳои озмойиши аз муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияи компютерӣ; ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти

хонандагон; таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмойишӣ иборат аст. Солҳои охир саъйу кӯшиш карда мешавад, ки методҳои мувофиқи ташхиси салоҳият ва салоҳиятнокӣ коркард карда шавад. Ташхиси педагогӣ – ин муайян намудани сифат, маҳсулнокии раванди таълимӣ-тарбиявӣ, таркиб ва натиҷаҳои он таҳлили сабаб ва натиҷаи алоқаҳо ва баҳогузорӣ дар асоси нишондиҳандаҳои муайян сатҳи бадастории мақсад ва вазифаҳои таълим ва тарбия мебошад.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлили соҳавӣ асоснок гардида, унвонҷӯ як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст. Дар баробари ин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шудааст.

***5.*** **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи унвонҷу дар заминаи муқаррароти Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷу дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз руи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Дар баробари ин, як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия низ, ки онҳо аз ҳаҷми диссертатсия, ҷадвалу диаграммаҳо, адабиёти истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷу ҳангоми таҳияи диссертатсия риоя гардидааст.

*6.* **Сохтор ва хачми диссертатсия.** Вобаста ба максад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундаричаи диссертатсия муайян карда шуд. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ параграф, хулоса, 5 ҷадвал, 4 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 147 номгуй иборат буда, кор дар ҳаҷми 163 саҳифа таҳия шудааст.

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи таҳқики он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ муайян гардидаанд; муқарраротe, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд. Ҳамзамон заминаҳои илмӣ ва аҳамияти амалии тахкик асоснок гардида, маълумот оид ба шарҳи мухтасари бобҳои таркибии таҳқиқоти мазкур пешниҳод гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим**» баррасии интиқодии фикру андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ақидаи худи муаллиф оид ба моҳият, мазмун, аҳамияти ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ хусусиятҳои хоси он, дар шароити ҷаҳонишавии технологияи иттилоой-комуникатсиони мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия қайд намудааст, ки мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ҳамчун муносибати инноватсионии таҳсил баррасӣ гардида, яке аз системаҳои самараноки тайёр намудани хонандагон баромад менамояд. Дар ин замина имконияти бунёди системаи инноватсионии таълим ба миён меояд (саҳ. 3). Ба назари муаллиф, асоснок кардани нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон мебошад .

Нишондиҳандаи муҳимтарини салоҳияти асосии хонанда қобилияти мустақилона ҳал кардани мушкилоте мебошад, ки бо шароити фаъолияти

вокей муайян карда шудааст. Самаранокии ташаккули салоҳияти асосӣ дар маҷмӯъ ва тамоми унсурҳои таркибии он бо мавқеи субъективии хонанда муайян карда мешавад, зеро фаъолнокӣ, ҳавасмандӣ, мутамарказии хонанда омили асосии муваффақият аст. Арзиши муайянкунандаи мавқеи субъективии хонанда дар таҳсилоти умумӣ фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонанда мебошад. Фаъолсозӣ ва ҳавасмандкунии маърифатии мустақили хонандагон, пеш аз ҳама, дар доираи кори мустақилона самти афзалиятноки модернизатсияи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. (сах 32)

**Боби дуюми диссертатсия «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»**

Гузариш ба таълими босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи рушди қобилияти хонандагон, зоҳиршавии мазмуну мундариҷа ва самтгириҳои амалии таълими фанҳо, рушди маҳорати хонандагон дар ҳалли мустақилонаи вазифаҳо ҳолатҳои номуайяниро ба миён овард. Чунин дигаргуниҳо, дар навбати худ, назди омӯзгорон вазифаи ҷустуҷӯи восита ва технологияҳои нави таълимро мегузорад, ки ба самаранокии омода намудани хонандагон - ба қабули қарорҳо дар вазъиятҳои мухталиф, қобилияти таҳлил ва баҳогузории кор ва фаъолияти худ, услуб ва маҳорати худтакмилдиҳии онҳо равона карда мешавад.

Дар диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки таҳлили вазъияти имрӯзаи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноки намоиш омода намудани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Қайд намудан зарур аст, ки салоҳияти коммуникативӣ мавзуи омӯзиши соҳаҳои мухталифи илмӣ оид ба инсон - физиология, психология, сотсиология, педагогика, лингвистика ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои (диаграммаи 3)

дар гурӯҳи якум таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро нишон дода қайд менамояд, ки сатҳи оддӣ нисбат ба сатҳи функсионалӣ баланд буда, дар навбати худ сатҳи функсионалӣ аз сатҳи системавӣ баландтар аст. Яъне, аксарияти хонандагон дар сатҳи истифодабарандагони оддии технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ қарор доранд, ки албатта такмил ва таҷдидро талаб менамояд. Ба таври умумӣ чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуданд: сатҳи оддӣ – 54%, сатҳи функсионалӣ 34 %, сатҳи системавӣ – 12%.

Дар гурӯҳи дуюм таҳлили натиҷаҳои бадастомада (диаграммаи 4) нишон медиҳад, ки сатҳи функсионаливу системавӣ аз сатҳи оддӣ баланд аст. Яъне, дар давоми таҳсил имконият пайдо гардидидааст, ки хонандагон салоҳият ва салоҳиятнокии худро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ инкишоф диҳанд. Ба таври умумӣ чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуданд: сатҳи оддӣ – 21%, сатҳи функсионалӣ 53 %, сатҳи системавӣ – 26%.

Дар диссертатсия, бо назардошти вазифаҳои муайян ва мушкилоти мавҷуда аз ҷониби муаллиф салоҳият ва салоҳиятнокӣ дар самти истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян карда шудааст.

7. **Камбудиву норасоиҳо ва ҷойи баҳсноки кори диссертатсионӣ.** Новобаста аз муваффаққияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо наметавонанд арзиши баланди таҳқиқотро коста гардонанд. Ҳамзамон бо ин, камбудиву норасоиҳо ва баҳсноки кори диссертатсионӣ аз масъалаҳои зерин иборат мебошанд:

1. Дар кори илмии муаллиф баъзан хатогиҳои техникӣ ҷой доранд, ки дар маҷмуъ моҳияти тавсиявӣ дошта, хулосаи мусбати онро тағйир намедиҳанд.

2. Муаллиф таснифотҳои мухталифи мафҳуми "салоҳият" ва

“салоҳиятнокӣ” –и олимони ватаниву хориҷиро пешниҳод намуда, онҳоро таҳлил намудааст, лекин дар асоси ин таснифотҳо муайяннамои худро пешниҳод накардааст;

3. Муаллиф ба ҷанбаҳои коркарди методии истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатҳи зарурӣ диққат надодааст;

4. Оид ба миқдор ва сифати технологияҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна дар сатҳи зарурӣ эътибор нашудааст;

5. Камбудиҳои истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба пуррагӣ мавриди таҳлил қарор дода нашудаанд;

6. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки истифодаи технологияи иттилоотиву коммуникативӣ ба самаранок гардидани раванди таълим мусоидат менамояд, лекин ин ҷанба дар диссертатсия пурра исбот нагардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботи муқарарнамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Автореферати диссертатсия масоили асосии илмӣ ва мухтавою мазмуни матни дисссертатсияро инъикос намудааст ва дар он шарҳи мухтасари кори илмӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ буда, барои ҳимоя пешкаш шудаанд, дарбар гирифтааст.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуктаи назар қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи “**Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати он дар мавзуи «**Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ**» кори илмии мустақилона ва дорой аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло сазовор ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Тақриз дар ҷаласcаи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки унвонҷӯ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 14 нафар омузгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест . Протоколи №6 аз03.01.2024 тасдиқ гардидааст.

Тақриз аз тарафи номзади илми педагогӣ , дотсент Тураев Ё. тартиб дода шудааст.

**Раиси ҷаласа мудири кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ н.и.п:** **Разоқов Х.С.**

**Ташхисгар: н.и.п: дотсент** **Тураев Ё.**

**Котиби ҷаласса:** **Ахмедова П.**

**Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

**Суроға 734003, Республики Таджикистан,**
**г.Душанбе проспект Рудаки, 121.**
**Тел.(+992) 2-24-13-83**
**E-mail: info@ tqpu. tj**
**www: tqpu. tj**